# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи «Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Комиссияи экспертии шурои дисертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. (6D020106 – фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия);
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёев И. (6D020601 – фалсафаи дин ва диншиносӣ), (аъзо);
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадова М. (6D020102 – таърихи фалсафа), аъзо.

Диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи **«Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумурии Тоҷикистон»,** ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пешниҳод шудааст, ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Ташхиси диссертатсияи Ғаюров Л. Ш. нишон дод, ки масъали боҳамалоқамандии илму маориф аз ибтидои пайдоиш ва ташаккулёбии ҷомеа, мавриди таваҷҷуҳи файласуфон, ҳокимону сиёсатмадорону ҷомеашиносон қарор дошт. Дар таърихи афкори фалсафӣ мутафаккирон оид ба муҳимияти илму маориф ва нақши он дар ташаккулёбии иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ва давлат нуқтаҳои назари гуногун доштанд. Дар таълимоти онҳо илму маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ омили асосии рушди шахсияти инсон ва аз насл ба насл гузаронидани фарҳангу тамаддун арзёбӣ шудааст.

Сарфи назар аз мавҷудияти таҳқиқотҳо ва корҳои нашрӣ доир ба масъалаи мазкур, баъзе аз хусусиятҳои асосии мавзуъ то ҳанӯз ба қадри зарури дар илми ватанӣ мавриди таҳқиқ, махсусан дар самти фалсафаи иҷтимоӣ қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб, диссертант бо такя ба сарчашмаҳои мавҷуда кӯшиши исботи онро намудааст, ки боҳамалоқамандии илм ва маориф асоси рушди илми ватанӣ, иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи зеҳнӣ ва рушди ҳамаҷонибаи миллату давлат ва ҷомеа мебошад.

Ташхиси экспертӣ собит намуд, ки муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои иҷтимоӣ –фалсафии масъали мазкурро дар партави консепсияҳои фалсафии муосир омӯхта, онро ба амалияи имрӯзаи ҷомеа вобаста намудааст.

Дар ин росто, муайян карда шудааст, ки мақсади сиёсати илмии ҷомеаи кунунии мо бояд ба дастгирии ҳадафҳои стратегии давлат равона гардад.

Муаллифи диссертатсия муайян намудааст, ки дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, ки дар ҳоли рӯ ба инкишоф ҳаст, маориф, илм ва технология омили асосии рушди он ба шумор меравад.

Аз ташхиси диссертатсияи мазкур бар меояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили фалсафаи иҷтимоӣ кори муайян ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Маъхазҳои истифоданамудаи ӯ адабиёт ва сарчашмаҳои аввал ва муътабари илмианд, ки ин, аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пешбурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмиаш дар маҷаллаҳои илмӣ мақола интишор намуда, дар конференсияҳои илмӣ баромад намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд. Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ тавонистааст, ки заминаҳои назариявию иҷтимоӣ ва аксиологии мавзуъро дар асоси таҷрибаи давлатҳои хориҷа ва дар шароити Тоҷикистон омӯхта, мушкилот, ҳолат ва дурнамои ҳамгироии илму маорифро барои бартарфсозии бухронҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакат пешниҳод намудааст.

Навгониҳои муҳими кор аз он иборат аст:

- нуқтаи назари муаллиф оид ба боҳамалоқамандии илм ва мориф чунин аст, ҳамгироии илм ва маориф дар шароити муосир аз категорияи афзалияти миллӣ ба категорияи афзалияти ҷаҳонӣ табдил ёфта, таҳқиқу таҳлили он барои илми муосир хусусияти муҳим касб намудааст;

- боҳамалоқамандии маориф ва илм дар шакли интегратсияи неруи зеҳнии илми академӣ ва мактабҳои олӣ дар кишварҳои ҷаҳон мақоми хосса дошта, дар ҳалли мушкилоти ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ нақши муҳим мебозад;

- ҳамгироии илм ва маориф, қабл аз хама, таҳсилоти олии касбӣ бо илми бунёдӣ, имрӯз дар ҷумҳурӣ ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Таҳлили асноди солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар рушди неруи илмӣ-техникии кишвар қатъи равобит байни таҳсилот ва илми фундаменталӣ, байни илми академӣ ва муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ мебошад.

-муайян карда шуд, ки дар шароити имрӯза таҳсилоти олӣ чун манбаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, методология ва нишондиҳандаи фарҳанги ҷомеа, дар ташаккул ва таҳкими иқтидори зеҳнии ҷумҳурӣ нақши муайянкунанда дорад.

Ғаюров Л.Ш. паҳлуҳои ҳанӯз таҳқиқнашудаи масъали мазкурро ошкор намуда, онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Илм яке аз шаклҳои фаъолияти инсонӣ аст, ки ба шинохти сохторӣ ва дигаргунсозии воқеият, ҷамъият ва тарзи зиндагӣ равона гардидааст. Илм - низоми дониш дар бораи ҷаҳон ва фаъолияти амалӣ дар истеҳсолот мебошад, ки онро танҳо ба воситаи таҳсилот метавон дар ҷомеа ҷорӣ намуд, яъне асоси татбиқи илм дар ҷомеа тавассути маориф сурат мегирад. Технологияи ҳамгироӣ дар соҳаи илм ва маориф муттаҳид сохтани қисматҳои алоҳидаи илмро ба маҷмуи ҷудонашаванда пешбинӣ мекунад. Гузашта аз ин, чунин мутаҳидсозӣ на танҳо маҷмуи механикии донишҳои мухталиф, балки истифодаи равишест, ки онҳо бо ҳам вобастагӣ доранд ва инсон ҳангоми ҳалли масъалаҳои муайян онҳоро метавонад ба таври муназзам истифода барад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили фалсафии равишҳои ҳамгироии илм ва маориф дар шароити нави давлатдории миллии мо хеле мубрам аст.

Ташхиси диссертатсия собит намуд, ки муаллифи он сатҳи омӯзиши мавзуъро мавриди таҳқиқ қарор дода, андешаҳои дар таҳқиқотҳои пешин баррасишударо мукамал омӯхта, арзишмандии онҳоро муайян намудааст. Таҳлили ҳаматарафаи мавзуъ ба муаллиф имкон додааст, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти хешро ба таври мушаххас муайян намояд.

**Объекти таҳқиқот** – боҳамалоқамандии илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** – таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба таҳқиқи фалсафаи илм, маориф, ҳамгироии илму маориф ва истеҳсолот рӯ овардаанд, такя намудааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин, махзанҳои электронии интернетӣ вуҷуд доранд мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи методҳои умумии маърифати илмӣ-диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-системавӣ, таҳлили функсионалӣ ва синергетикӣ, муқоисавӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия вуҷуд доранд, барои таҳқиқотҳои минбаъда вобаста ба ин самт, дар фалсафаи иҷтимоӣ замина хоҳанд гузошт. Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар соҳаҳои илмҳои гуманитарӣ, инчунин дар таҳияи монография, дастурҳои таълимӣ, таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

Ҳамин тариқ, Ғаюров Л.Ш. аз ухдаи ҳалли вазифаҳои гузошташуда баромада, диссертатсияи ӯ таҳқиқоти комилан анҷомёфтаи дорои аҳамияти назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

**Дар натиҷа, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад:**

1. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро аз ҷиҳати сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот, дар ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ, корро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф илман асоснок мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо ихтисоси 6D020100 – Фалсафа, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

4. Дар диссертатсияи Ғаюров Л.Ш. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаъҳои

истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Ғаюров Л.Ш. маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи **«Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Қаҳоров Ғ. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ.
- Миров Ф. – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Ғаюров Л.Ш. ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ С. Ҷононов

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор, И. Зиёев
аъзои Шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ М. Маҳмадова

23.09.2023